**СУРАТҶАЛАСАИ**

**Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003**

**дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**06 майи соли 2024 № 73 ш. Душанбе**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи "Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит тақризи мушовири илмӣ – д.и.и., профессор Қурбонов А.К., тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Шарифов З.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили молиявӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошкент Исроилов Б.И. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Кошонова М.Р., баромади мутахассисон аз руйи тахассуси диссертатсияи баррасишаванда Собирзода Н.М., Дадоматов Д.Н., Низомов С.Ф. ва Улуғходҷаева Х.Р. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршуда вобаста ба диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи "Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи

ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Қодирова Гулмо Толибовна дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Қодирова Гулмо Толибовнаро бо дипломи доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз намояд.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Зид? - нест, Бетараф? - нест. Якдилона қабул гардид.

**Раиси Шуро:** иҷозат диҳед унвонҷӯро бо ҳимояи бо муваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шурои диссертатсионӣ барои кори пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**И.в. котиби илмии шуро,**
**д.и.и., профессор** **Қодирзода Д.Б.**

**06.05.2024**